## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, муовини сардори Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Сафарзода Манучеҳри Наҷот ба диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. – Душанбе, 2025. – 167 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мактаби илмие, ки бо роҳбарии профессор Асадулло Саъдуллоев ташаккул ёфтааст, дар омӯзиш ва таҳқиқи вижагиҳои хоссаи журналистика ва майлонҳои нави ВЭА нақши барҷаста дорад. Гузашта аз ин, шогирдони ин мактаби ҷадид аллакай мактабҳои илмии худро ба вуҷуд овардаанд. Омӯзиши фаъолияти эҷодӣ ва илмии рӯзноманигор, публитсист ва муҳаққиқи маъруф, профессор Асадулло Саъдуллоев дар иртибот бо таҷрибаи чандинсола ва пажӯҳишҳои бисёрҷонибаи ӯ дар соҳаи журналистика ва публитсистика аҳаммияти хос дорад.

Аз ин лиҳоз, омӯзиши фаъолияти сершохаи Асадулло Саъдуллоев аҳаммияти махсуси илмӣ дорад. Кори диссертатсионии Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Диссертатсия ва мавзуи он барои илми журналистикаи тоҷик актуалӣ ва нав мебошад. Дар публитсистикаи профессор А.Саъдуллоев мурочиати муаллиф ба мавзуъҳои актуалии замон ва адабиёт хос мебошад. Дар асарҳои «Дарёи равон аст» (1985), «Публицистикаи Турсунзода» (1988), «Дил ба ёдгор» (1999), «Бомдоди шубоб» (1994), «Хосияти адабиёт» (2000), «Гулҳои ҳаёт» (2005), «Очерк» (2010) ва ғайра вокеияти замон баръало баррасӣ мегарданд.

Дар маводи публитсистии профессор А.Саъдуллоев образи муаллиф на танҳо дар вижагиҳои услуби фардӣ, балки дар сохти дарки шахсии ӯ ҳам чун риштаи сурх дақиқ баён мешавад.

Муҳимтарин арзиши ғоявию эстетикии осори публитсистии профессор А.Саъдуллоев дар он зоҳир мегардад, ки дар онҳо масъалаҳои дӯстии коргару деҳқон дар замони шӯравӣ, рушди саноат ба кишоварзӣ, ёрии шаҳру ноҳияҳо

ба ҳамдигар равшану возеҳ муайян гардиданд. Бо инобати гуфтаҳои болозикр, мавзуи диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб мубрам маҳсуб меёбад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгониҳои таҳқиқ ба он асоснок карда мешавад, ки чунин навъи пажуҳиш дар самти публитсистикаву журналистика яке аз нахустин пажуҳишҳои илмӣ аст. Бори аввал ҷузъиёти асосии фаъолияти журналистии муҳаққиқ А. Саъдуллоев дар телевизион ва матбуот ва нақши расонаҳо дар такомули эҷодии ӯ, фаъолияти омӯзгории профессор А. Саъдуллоев дар донишгоҳ ва таъсири он дар фаъолияти пажуҳишии муҳаққиқ ва уфуқҳои таҳқиқи публитсистикаи муосир дар мактаби илмии Асадулло Саъдуллоев пажуҳиш гардидаанд.

Муаллиф кӯшиш кардааст, ки вижагиҳои таҳқиқи журналистика бо роҳнамоии А. Саъдуллоевро таҳлил намуда, мухтасари осори илмӣ, таълимӣ, публитсистӣ ва бадеии устодро тавзеҳу тафсир намояд. Ҳамчунин, муаммову мушкилоти публитсистикаи муосири тоҷик ва проблемаҳои дурнамои он, ки аз ҷониби муҳаққиқ А. Саъдуллоев баррасӣ гардидаанд, мушаххас шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаи диссертатсия дар 10 банди мукаммал оварда шуда, ба сифати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ 7 таклиф манзур гардидааст. Метавон иброз намуд, ки муаллифи диссертатсия бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мерав官, ба дараҷаи илмии дархостшаванда муносиб мебошад. Омӯзиши сарчашмаҳои адабӣ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии мавзуъ ба муаллиф имкон додааст, хулоса ва тавсияҳои боэътимод барорад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои илмии бадастомада метавонанд барои рушди тасаввурот ва донишҳои назариявӣ дар фаҳмиши таҳқиқи публитсистика мусоидат намуда, самтҳои нави таҳқиқро дар шинохти соҳа ба вуҷуд оварад. Диссертатсия метавонад ҳамчун сарчашма барои навиштани мақолаҳои илмӣ дар ин мавзуъ истифода гардад.

Натиҷаҳои таҳқиқот ба баланд бардоштани донишҳо дар бораи ҳаёт, осор ва фаъолияти профессор Асадулло Саъдуллоев мусоидат карда, маводи диссертатсияро зимни таълиму тадриси курсҳои лексионӣ оид ба предмети таҳқиқ, курсҳои махсус ва семинарҳо дар бораи публитсистикаи муосири тоҷик дар факултаҳо ва кафедраҳои журналистикаи мактабҳои олии Тоҷикистон ва тартиб додани воситаҳои таълимӣ метавон истифода бурд.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсия аз муқаддима, номгӯйи ихтисораҳо, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Матни диссертатсия дар 167 саҳифа ҷой шуда, рӯйхати адабиёт 122 номгӯйро фаро мегирад. Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмет, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия қайд гардидааст.

Боби якуми диссертатсия – «Назаре ба ҳаёт ва зиндагиномаи профессор А. Саъдуллоев» аз се фасл иборат мебошад. Фасли якуми боби якум «Мухтасари зиндагиномаи А. Саъдуллоев» ном дорад. Дар фасли мазкур муаллиф марҳилаҳои зиндагӣ ва камолёбии қаҳрамони диссертатсияро баррасӣ намуда, иртибот ва ҳамкории ӯро бо журналистика нишон медиҳад. Аз ҷумла, гуфта мешавад, ки Асадулло Саъдуллоев дар давраи бачагиву ҷавониаш ташвишҳои сахту сангинро аз сар гузаронида, қатъи назар аз душвориҳову монеаҳои сахти зиндагӣ муваффақона заҳмат кашидааст. Назар ба қавле ӯ, дар зиндагӣ аз оғоз “мӯри донакаш” буд, ки худро сохтан мехост (дисс. саҳ. 20). Аввалин ҳикояи профессор А. Саъдуллоев бо номи «Ҳайкалча» дар рӯзномаи «Ба қуллаҳои дониш» чоп гардида, дар озмун ҷойи аввалро гирифт. Дар идомаи фасл муаллиф дигар ҷанбаъҳои рӯзгор ва осори Асадулло Саъдуллоевро таҳқиқ намуда, зикр мекунад, ки мавсуф 4 феврали соли 2016 аз олам чашм пӯшид. Профессор Асадулло Саъдуллоев муаллифи 50 асар ва беш аз 280 маводи публитсистӣ мебошад.

Дар фасли дуюми боби аввал “Фаъолияти рӯзноманигории А. Саъдуллоев” таҳқиқ мегардад. Зимни таҳлил муаллифи диссертатсия зикр менамояд, ки фаъолияти рӯзноманигории А. Саъдуллоев ҳанӯз аз даврони донишҷӯияш оғоз гардида, дар минбарҳои матбуотӣ мақоми худро пайдо мекард. Яке аз аввалин нигоштаҳои А. Саъдуллоев, ки ба қавле сару садоро ба миён оварда буду муаллифро ба муҷозот низ гирифтор кард, ин матлабе буд, ки бо номи «Афсус, ки фелетон навиштам», ки дар таърихи 29-уми майи соли 1961 дар нашрияи «Ба қуллаҳои дониш» ба табъ расидааст (диссер. саҳ. 27). Дар таҳияву шаклгирии барномаи овозадори «Беғараз панд» тариқи телевизион ҳиссаи Асадулло Саъдуллоев кам набуд. Зимни фаъолият дар «Тоҷикистони советӣ» мавзуи мақолаҳои устод А.Саъдуллоев уфуқҳои васеъ пайдо намуданд. Дар навиштаҳои ин давра масъалаҳои бунёдкориву

созандагиҳо, мавқеи адибони сулҳпарвар, фиребгариву қаллобии баъзе масъулон, дӯстиву рафоқати халқи сермиллати Иттиҳоди Шуравӣ, нақши Мирзо Турсунзода дар инъикоси сулҳу дӯстӣ, васфи диёри кӯҳистон, нақши адиб дар пешравии ҳаёт ва даҳҳои дигар аз мавзуъҳое ба шумор меравайд, ки бо мубрамияти худ ҷойгоҳи вижа доранд.

Дар фасли сеюми боби якум "Фаъолияти омӯзгорӣ"-и Асадулло Саъдуллоев таҳқиқ гардидааст. Ба таъкиди муаллифи диссертатсия, Асадулло Саъдуллоев дар баробари кор дар расонаҳо, ба фаъолияти омӯзгорӣ низ машғул шуда, аз соли 1970 дар Университети давлатии Тоҷикистон фаъолият менамояд. Ба таъкиди муаллифи диссертатсия, устод А.Саъдуллоев мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ, мудири кафедраи журналистикаи байналхалқӣ, декани факултаи журналистикаи ДМТ, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ, профессори Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон (ДСРТ) буда, узви шурои диссертатсионии назди ДМТ ва ДСРТ аз рӯйи ихтисосҳои филологӣ буданд.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳқиқи публитсистикаи муосир дар осори А. Саъдуллоев» унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли якум «Таҳқиқи масъалаҳои назарӣ дар публитсистикаи муосири тоҷик» баррасӣ шудааст. Ба таъкиди довталаби дараҷаи илмӣ, асари «Хосияти адабиёт» (Бунёди пайванди каломи бадеъ бо иҷтимоъ, 2000) дар осори устод мавқеи меҳварӣ дорад. Ин асар заминаи мактаби таҳқиқи публитсистикаро ташкил намуда, ки дар он даҳҳо пухлуҳову ҷузъиёти соҳа баён гардидаанд. Муҳаққиқ дар такя ба нуктаи назари адабиётшиносон ба осори Ч. Айтматов, В. Биков, Ю. Бондарев, Л. Леонов, В. Овчекин, В. Распутин, Н. Тихонов, М. Шолохов ва дигар адибон нигариста, чунин шинохту ташхису муносибатро нисбат ба бурду бохти адибони тоҷик дар масъалаи тасвири воқеъбинонаи ҳаёт ба кор бурдааст.

Дар фасли дуюми боби дуюм «Проблемаҳои рушди публитсистикаи тоҷик» таҳқиқ мешаванд. Муаллиф менависад: "андешаи А. Саъдуллоев дар мавриди шинохти асари публитсистӣ он аст, ки чунин асарҳо дар заминаи маҳорату ҷаҳонибиниҳои васеъ ва таҷрибаи судманди адибон ба майдон меоянд" (диссер. саҳ. 72).

Фасли сеюми боби дуюм ба баррасии масъалаи «А.Саъдуллоев ва таҳқиқи публитсистикаи М. Турсунзода» бахшида шудааст. Бояд гуфт, ки профессор А. Саъдуллоев дар мавзуи «Публитсистикаи Мирзо Турсунзода» кори номзадӣ ҳимоя кардаанд. Ба таҳқиқи публитсистикаи ин адиби номдор рӯ овардани А. Саъдуллоев ин як ҷуръату эътимоди комил доштан ба худ буд.

Боби сеюми диссертатсия «Мактаби илмии А. Саъдуллоев» низ аз се фасл иборат аст. Фасли якуми боби сеюм «Таҳқиқи публитсистика дар мактаби илмии А. Саъдуллоев» унвон дорад. Дар фасли дуюми боби сеюм

«Мактаби илмии А. Саъдуллоев дар таҳқиқи журналистика» пажуҳиш мегардад. Дар ин фасл иброз мегардад, ки бо роҳбарии устод 15 нафар рисолаҳои докторӣ ва номзадии худро ҳимоя кардаанд. Аз ҷумла, Гулов С.Н., Ҳайдаров С.Б., Шоев М.Э., Муқимов М.А. (ҳам номзадӣ ва ҳам докторӣ), Ҳошимзода Б.Ҳ., Олимова Х., Ҳамидиён И.И., Раҳмонова Ҷ.М., Кӯчарова Н.А., Суҳроби М., Яқубов Ҷ.Н., Абдулҳай О., Эшматов З.А., Сафарзода М.А. (баъд аз вафоти устод) дастпарварони мактаби илмиии профессор Асадулло Саъдуллоев ҳастанд.

Фасли сеюми боби сеюм «Таснифоти мухтасари осор» унвон гирифтааст. Дар ин фасл муаллиф осори устодро ба “Асарҳои илмӣ”, “Асарҳои публитсистию бадеӣ”, “Дастуру китобҳои таълимӣ”, “Намунаи баъзе аз барномаҳои таълимӣ” ва “Ҳамкориҳо бо ВАО” ҷудо намудааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар нисбат ба ҳар боб дар алоҳидагӣ зикр гардида, баъзе тавсия ва пешниҳодҳои муаллифӣ манзур гардидаанд.

Хулосаҳою тавсияҳои Сироҷзода Нигина Раҷаб касбӣ буда, баёнгари мундариҷаи диссертатсия ҳастанд ва бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далел асоснок гардидаанд. Яке аз махсусиятҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки довталаб Сироҷзода Нигина Раҷаб тавонистааст оид ба ҳамаи нуктаҳо ва маълумоти пешниҳодкардааш баҳси илмӣ ба вуҷуд орад, онҳоро зери суол ва шубҳа кашад, мавқеъ ва нигоҳи муаллифиро дар ин замина ба миён орад. Далелҳои истифодашуда эътимодбахшанд. Ҳангоми таҳлил муносибат ба мавзуъ дуруст ва касбӣ буда, аз маҷрои зарурӣ берун нашудааст.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд, дар диссертатсия як қатор камбудиҳо мушоҳида гардиданд, ки ислоҳашон ба манфиат дониста мешавад:

1. Банди ҳаштуми “Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда” ба тавзеҳ ниёз дорад. Ба андешаи муаллиф, хосияти дастуру китобҳои таълимӣ, марзи афкор дар асарҳои публитсистиву бадеӣ, ҷанбаҳои фарогири илмии асарҳои таҳқиқӣ. Хуб мешуд муаллиф ҳадафи худро пурра ошкор менамуд.
2. Хулосаҳои муаллиф дар ҷамъбасти диссертатсия “ман”-и ӯро камтар бозгӯӣ намуда, такрори матни дохили рисола мебошанд.
3. Дар фасли сеюми боби сеюм, яъне фасли ҷамъбастии диссертатсия ба таҳқиқ кашидани “Таснифоти мухтасари осор” ноҷо менамояд. Беҳтар мебуд, фасли мазкур бо фасли сеюми боби дуюм ҷойгузин мегардид.
4. Дар диссертатсия баъзе нуқсонҳои техникӣ ва имлоӣ ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, дар боби дуюми диссертатсия ғалатҳои мантиқӣ рух

додаанд. Махсусан дар саҳифаҳои 49, 53 ва 97 ингуна камбудиҳо айёнтаранд.

5. Зиёд намудани шумораи таклифҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар бахши "Тавсияҳо" ба манфиати кор дониста мешавад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи чопии довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд ва натиҷаҳои диссертатсияро фаро мегиранд.

Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд. Барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия аз лиҳози мубрамият, ном ва нақши мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо пайдарҳам ва бо услуби илмӣ таҳия гардидааст.

Таҳлили матни диссертатсия ва автореферат нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфта буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои боэътимод аст. Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Сироҷзода Нигина Раҷаб муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб бо доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Хулоса, диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ аст.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72 –и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Муқарризи расмӣ:
доктори фалсафа (PhD) – доктор
аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ,
муовини сардори Раёсати илм ва
инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Сафарзода Манучеҳри Наҷот
«15» августи соли 2025

Имзои доктори фалсафа (PhD) – доктор
аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ,
муовини сардори Раёсати илм ва
инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Сафарзода М.Н.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори РК КМ-и Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.

Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (992) 918-48-44-05
E-mail : nadzhotzoda@mail.ru

«15» августи 2025